آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

10 сентябри соли 2022
Шанбе
№ 72 (14876)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Ба пешвози ҳамоиши дарпешистодаи СҲШ

# ДАР САМАРҚАНДИ БОСТОНӢ МУШКИЛОТИ МУҲИМИ ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРРАСӢ МЕГАРДАНД

***Марҳилаи ниҳоии омодагӣ ба баргузории ҷамъомади Шӯрои сарони давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай, ки 15-16 сентябри соли ҷорӣ дар Самарқанд баргузор мешавад, фаро мерасад. Мулоқоти дар пешистодаи роҳбарони созмон чорабинии навбатие хоҳад гардид, ки ба васеъ гардондани ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ нигаронда шудааст. Иштироки тамоми сарони давлатҳои аъзои СҲШ, инчунин намояндагони кишварҳои нозир ва меҳмонони даъватшуда ба назар гирифта шудааст.***

Ба муносибати чорабинии дарпешистодаи байналмилалӣ мо аз профессори Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дипломатия Абдусамад Ҳайдаров хоҳиш кардем, ки дар бораи СҲШ, таърихи таъсис додани он ва мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ нақл намояд.

**– Абдусамад Ахатович, дар бораи вазифаҳои асосии ин Созмон нақл мекардед.**

– Қаблан мехостам дар бораи таърихи худи созмон мухтасар сухан ронам.

Бо таназзули Иттиҳод дар соли 1991 сарҳади Шӯравӣ ва Чин ба марзи байни Чин ва чаҳор давлати нави соҳибихтиёр – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Русия табдил ёфт.

Дар солҳои 1992-1996 байни ин кишварҳо музокироти пуршиддат сурат гирифт, ки бо имзои сарони Қазоқистон, Қирғизистон, Чин, Русия ва Тоҷикистон дар Шанхай аввалин ҳуҷҷати муштарак – Созишномаи таҳкими эътимод дар соҳаи ҳарбӣ дар ҳудуди марз, ки ҳамчун Эъломияи Шанхай маъруф аст, анҷом ёфт.

Дар ҳамоиши роҳбарони панҷ кишвар дар Шанхай дар бораи ҳар сол баргузор намудани мулоқоти «панҷгонаи Шанхай» қарор қабул шуд. Мақсади асосии муттаҳидшавӣ таъмини субот дар сарҳади ин ҷумҳуриҳо ва Чин буд.

**– Ўзбекистон кай ба ин созмон ҳамроҳ шуд?**

– Соли 2000-ум сарони «панҷгона» Ўзбекистонро ба маҳфили худ даъват карданд ва он ҳамон сол бори аввал дар ҳамоиши сарони «панҷгонаи Шанхай», ки ба форуми Шанхай табдил ёфт, иштирок кард.

Соли 2001 пас аз пайвастани Ўзбекистон ба «панҷгона» сарони аллакай шаш кишвар Эъломия дар бораи таъсис додани Созмони ҳамкории Шанхайро имзо карданд. СҲШ дар муддати кӯтоҳи таъсисёбиаш ба созмони беназире табдил ёфт, ки тавонист кишварҳои дорои низомҳои мухталифи сиёсиву иқтисодӣ ва моделҳои рушдро муттаҳид созад. Имрӯз СҲШ бузургтарин иттиҳодияи бисёрҷониба пас аз СММ мебошад, ки фаъолияти он ба таъмини бехатарӣ ва нигоҳдории субот дар фазои васеи Авруосиё, мубориза муштарак бо чолишҳо ва таҳдидҳои нав, таҳким ва тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ, мусоидат ба барпо намудани тартиботи нави демократӣ, адолатнок ва оқилонаи сиёсӣ ва иқтисодии байналмилалӣ нигаронда шудааст.

**– Аз он дам зиёда аз 20 сол гузашт. СҲШ кай ба васеъ шудан шурӯъ кард?**

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки дар тӯли солҳои гузашта ҳамкории давлатҳои аъзои Созмон ба таври қобили мулоҳиза густариш ёфта, нуфузи он афзуд. СҲШ таваҷҷуҳи як қатор давлатҳои Авруосиёро ба ҳамкорӣ дар доираи он ҷалб кард. Соли 2015 тартиби қабули Ҳиндустон ва Покистон ба СҲШ оғоз шуд. Пас аз ду сол (соли 2017) ин давлатҳои бузургтарини Осиёи Ҷанубӣ узви комилҳуқуқи Созмон шуданд. Расо як сол пеш, дар моҳи сентябри соли 2021 сарони кишварҳои узви СҲШ пазируфтани узвияти комили Ҷумҳурии Исломии Эронро маъқул донистанд.

Дар ҳамоиши қарибулвуқӯъи самарқандии СҲШ расмиёти пазируфтани Эрон ба сифати узви комили ин созмон ба анҷом мерасад. Чунин қарор имкон дод, ки обрую эътибори байналмилалӣ ва эътирофи СҲШ ба таври куллӣ баланд шавад.

Дар айни ҳол раванди баррасии дархости Белорус барои узвият ба ин Созмон оғоз шудааст. Илова бар ин, муоҳидаҳо дар бораи ба Миср, Арабистони Саудӣ ва Қатар додани мақоми шарик оид ба муколамаи СҲШ омодаанд.

Инчунин дар Самарқанд қарор дар бораи оғози тартиби ба Баҳрайн ва Молдив додани мақоми шарик оид ба муколама, инчунин масъалаи ба Озарбойҷон, Арманистон, Камбоҷа ва Непал пешниҳоди мақоми нозири назди СҲШ баррасӣ хоҳанд шуд.

Дар баробари ин мехоҳам қайд намоям, ки густариши СҲШ беохир буда наметавонад. Афзоиши шумораи давлатҳои аъзои Созмон ба равандҳои қабули қарорҳо халал мерасонанд. СҲШ инчунин набояд ба платформаи равшансозии муносибатҳои дуҷонибаи давлатҳои ҷудогона табдил ёбад.

**– Абдусамад Ахатович, агар ба шумо маълум бошад, дар рафти ҳамоиш кадом масъалаҳои асосӣ баррасӣ мешаванд?**

– Дар назар аст, ки дар ҳамоиши СҲШ дар Самарқанд, ки таҳти раёсати Ўзбекистон баргузор мешавад, муҳимтарин мушкилоти минтақавӣ ва ҷаҳонии замони мо дар заминаи назари ширкаткунандагон ва мавқеҳои муттаҳидаи кишварҳои узви Созмон дар декларатсия инъикос хоҳад ёфт.

Дар баробари ин равишҳои муштарак ҷиҳати такмили минбаъдаи ҳамкории амалӣ, таъмини суботи минтақавӣ ва рушди устувори иқтисодӣ, пурзӯр гардондани робитаҳои нақлиётӣ ва амиқтар намудани муколамаи фарҳангӣ муайян карда мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.2).

***Дар шаҳри Рендолфи иёлати Ню-Ҷерсӣ (ИМА) мулоқоти идонаи ҳамватанон бахшида ба 31-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ўзбекистон ва ифтитоҳи расмии ташкилоти «Ҷамъияти ўзбекҳои Амрико» баргузор гардид.***

# ДАР АРАФАИ СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ИЁЛАТИ НЮ-ҶЕРСИИ ИМА ТАШКИЛОТИ «ҶАМЪИЯТИ ЎЗБЕКҲОИ АМРИКО» РАСМАН КУШОДА ШУД

Дар чорабинӣ намояндагони наслҳои гуногуни муҳоҷирони Ўзбекистон, инчунин сокинони маҳаллӣ иштирок доштанд. Президенти Ҷамъияти ўзбекҳои Амрико Умид Исматуллаев, намояндаи доимии Ўзбекистон дар назди СММ, сафир Бахтиёр Ибрагимов, консули генералии Ўзбекистон дар Ню-Йорк Камол Икромов, президенти Ассотсиатсияи Туркистон – Амрико Абдулло Хоҷа, роҳбари ҷомеаи Ўзбекистон «Mahalla USA» Абдумалик Аҳмедов, фаъоли ташкилоти диаспораи ўзбекҳо «Юртдош» Акмал Холбоев ва дигарон меҳмононро муборакбод намуданд.

Дар баромади худ президенти «Uzbek Societyof America» Умид Исматуллаев таъкид намуд, ки мақсади афзалиятноки ташкилоти навташкил муттаҳид намудани ўзбекистониёне, ки дар иёлати Ню-Ҷерсӣ истиқомат мекунанд ва дастгирии онҳо мебошад.

Дипломатҳои ўзбекистонӣ ба иштирокдорон аз рафти ислоҳоти васеъмиқёс дар ҷумҳурӣ маълумот дода, дар бораи моҳияти ислоҳоти Президент Шавкат Мирзиёев дар доираи стратегияи Ўзбекистони Нав, ки ба куллан беҳтар намудани тамоми соҳаҳои зиндагӣ нигаронда шудааст, нақл намуданд. Таваҷҷуҳи роҳбарияти кишвар ба роҳандозӣ ва густариши робитаҳои зич бо ҳамватанон, тадбирҳо ҷиҳати ба таври васеъ ҷалб намудани иқтидори муҳоҷирони Ўзбекистон ба рушди ҷумҳурӣ, роҳандозии ҳамкориҳо дар соҳаҳои сайёҳӣ, тиҷорат, иқтисод, фарҳанг, башардўстӣ ва дигар соҳаҳо қайд карда шуд.

Иштирокдорон ва меҳмонони ҷашн ба тадбирҳои амалие, ки дар ҷумҳурӣ ҷиҳати баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмили механизмҳои идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ҳифзи ваҳдати байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ андешида мешаванд, баҳои мусбат доданд.

Қисмати фарҳангии чорабинӣ аз баромадҳои дастаҳои эҷодӣ ва ҷамоаҳои мусиқӣ, аз ҷумла иҷрои суруду рақсҳои халқӣ, намоиши видео ва фотоматериалҳо дар бораи Ўзбекистон, намоишгоҳи санъати амалӣ, либосҳои миллии идона, муаррифии ҳунарҳои миллӣ, таомҳои ошхонаи миллӣ ва қаннодӣ иборат буд.

Дар байни ҷавонони чорабинӣ викторина оид ба донистани таърихи Ўзбекистон ташкил карда шуда, ба ғолибони он тухфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Ҳамчунин озмун дар бораи тайёр кардани палави миллии ўзбек баргузор шуд, ки дар он беҳтарин дастаҳои ошпазҳо аз иёлатҳои Ню-Йорк, Ню-Ҷерсӣ, Пенсилвания, Иллинойс ва тими намояндагони намояндагиҳои дипломатии Ўзбекистон дар Ню-Йорк ширкат доштанд. Ба ғолибону иштирокчиёни озмун аз номи ҷамъияти Ўзбекистон ва иштирокчиёни озмун тухфаҳои махсуси хотиравӣ ва сувенирҳое, ки дар Ўзбекистон ва ҳунармандони устои маҳаллӣ тайёр кардаанд, супурда шуданд.

**АИ «Дунё»,**
*НЮ-ҶЕРСӢ.*

# ҲАМОИШИ ЗАНОНИ РОҲБАРИ ПАРЛАМЕНТҲОИ КИШВАРҲОИ ҶАҲОН БАРГУЗОР ГАРДИД

***Ин нишасти 14-уми занони роҳбари парламентҳои кишварҳои ҷаҳон мебошад, ки бо ширкати намояндагони СММ, роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Ассамблеяи парлумонии САҲА, вакилони парлумони 17 кишвари ҷаҳон ба вуқӯъ пайваст. Ҳамоиши мазкур, ки дар ҳамкорӣ бо Иттиҳодияи байнипарламентӣ ва Сенати Олий Маҷлис ташкил шудааст, таҳти унвони «Роҳбарии парлумонӣ: арзёбии хатарҳо дар таъмини самарабахши субот ва шукуфоӣ» сурат гирифт ва ду рӯз давом кард.***




Дар оғози ҳамоиш Паёми Президент Шавкат Мирзиёев ба иштирокчиён аз тарафи котиби матбуоти Президент Шерзод Асадов қироат гардид.

Ҳадафи асосии ин нишаст муайян намудани самтҳои афзалиятнок ва амалҳои парлумонҳо оид ба тавсеъаи ҳуқуқи занон барои таъмини босамари субот ва шукуфоӣ бо дарназардошти оқибатҳои пандемияи COVID-19 ва бўҳрони марбут ба он мебошад. Барои ҳамин ҳамаи мавзўъҳои рўзномаи нишаст ниҳоят муҳим буда, барои сарнавишти ояндаи тамоми кишварҳои ҷаҳон аҳамияти бузург доранд.

Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева дар ин мавриди изҳор кард, ки ҳамкории зичи СММ ва Иттиҳоди байнипарламентӣ, аз ҷумла татбиқи тавсияҳои Қатънома оид ба се принсипи ҳадафҳои рушди устувор, яъне масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ бояд идома дода шаванд. Ба гуфтаи ў дар ин ҳуҷҷат ба баробарии гендерӣ ва роҳбарии занон дар ҳалли тамоми масъалаҳои рушди миллӣ ва чолишҳои глобалӣ афзалият дода шудааст.

Раиси Иттиҳоди байнипарлумонӣ Дуарте Пачеко зимни суханронӣ зикр намуд, ки масъалаҳои баррасишуда ва хулосаҳои баёнгардида ба таъмини самаранокии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии занон хизмати босазо хоҳад кард. Ба гуфтаи мавсуф масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар ҳамаи самтҳо, аз қабили тарғиби арзишҳои демократӣ, дастгирии ҷавонон, робита бо Маркази инноватсионии Иттифоқ ба манфиати пешбурди кор хоҳанд буд.

Ноиби аввали Дабири кулли СММ Амина Муҳаммад аз тариқи онлайн ба иштирокчиёни нишасти 14-уми занон-роҳбарони парлумонҳо дар Тошканд мухтасар паём фиристод.

Ин нишаст дар чаҳорчўби ду иҷлосия мавзўъҳои «Бартараф кардани хатарҳое, ки ба суботи глобалии пас аз пандемия халал мерасонанд» ва «Пешгирии хатарҳои марбут ба технологияҳо ва ҳифзи ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ дар ҷаҳони технология»-ро ба доираи баҳсу баррасӣ кашид.

Аз ҷумла, дар ҷаласаи аввал, ки ба он Кристиан Муттонен – коршиноси байналмилалӣ ва шарики идоракунандаи Central East Connect модераторӣ намуд, ширкаткунандагон роҷеъ ба татбиқи чораву тадбирҳое ибрози ақида намуданд, ки ба роҳи эҳёи иқтисод, хосатан ба дурнамои рушди устувор дар асоси баробарӣ, фарогирӣ ва ҳифзи муҳити зист, коҳиш додани осебпазирии духтарон ва занон бахшида шудааст.

Дар ин иҷлосия муовини мудири умумии Созмони ҷаҳонии меҳнат ва мудири дафтари минтақавии СҶМ оид ба Аврупо ва Осиёи Марказӣ Ҳайнс Коллер, роҳбари дафтари зерминтақавии Барномаи СММ оид ба муҳити зист дар Осиёи Марказӣ Айдай Қурманов (ҳарду онлайнӣ), муовини раиси Шўрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Русия Галина Карелова, раиси Шўрои намояндагони Баҳрайн Фавзия Зайнал, раиси Маҷлиси миллии Озарбойҷон Соҳиба Гафорова ва дигарон баромад карданд.

Иҷлосияи дуюм ба ташаббусҳо оид ба пешбурди навовариҳои технологӣ дар иқтисодиёти рақамӣ ва меҳнат, ҳамзамон бартараф кардани нобаробарии рақамӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар робита ба пандемияи COVID-19 таваҷҷуҳ нигаронд.

Нишасти 14-уми занони роҳбари парламентҳои кишварҳои узви Иттиҳоди байнипарламентӣ 9 сентябр бо қабули Қатъномаи Тошканд ба кори худ хотима бахшид.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

*Сафир Дилшод АҲАТОВ:*

# ЎЗБЕКИСТОН АЗ ПУРРА ИСТИФОДА БУРДАН АЗ ИҚТИДОРИ СҲШ ДАР ШАРОИТИ НАВИ ТАҲАВВУЛОТИ ОН МАНФИАТДОР АСТ

***Нашрияи электронии ҳиндии The Print дар арафаи ҳамоиши самарқандии СҲШ мусоҳибаи сафири Ўзбекистонро нашр кард.***

Сафири Ўзбекистон дар Ҳиндустон Дилшод Аҳатов дар мусоҳиба бо нашрияи The Print гуфт, ки Тошканд натанҳо тавсеаи СҲШ, балки татбиқи «иқтидори пурра»-и онро низ таъмин хоҳад кард.

Ҳамоиши дарпешистодаи сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай, ки дар Ўзбекистон баргузор мешавад, натанҳо васеъ гардидани ин ниҳоди бисёрҷониба, балки ба он далел хоҳад овард, ки минтақаи Авруосиё як ҷанбаи нави стратегӣ касб хоҳад кард, гуфт сафири Ўзбекистон дар Ҳиндустон Дилшод Аҳатов.

Дар мусоҳиба ба нашрияи The Print сафири Ўзбекистон изҳор кард, ки Тошканд кўшиш менамояд «тамоми иқтидори СҲШ»-ро ҳатто, сарфи назар аз он ки дар дунё тағйироти ҷиддии геосиёсӣ ба амал меояд, истифода барад.

«Ўзбекистон аз он манфиатдор аст, ки аз иқтидори созмон дар шароити нави таҳаввулоти он пеш аз ҳама бо роҳи густариши ҳамкории амалӣ дар соҳаҳои пешомадноки ҷавобгўйи манфиатҳои ҳаётии ҳамаи давлатҳои иштирокдор истифода намояд», – гуфт Дилшод Аҳатов.

Соли равон ба нақша гирифта шудааст, ки ҳамоиши СҲШ дар Самарқанд 15-16 сентябр баргузор гардад. Сарвазир Нарендра Модӣ дар он ҳамроҳ бо Раиси ҶМЧ Сӣ Сзинпин ва Президенти Русия Владимир Путин дар қатори дигарон ширкат хоҳанд кард.

«Дар шароити босуръати сиёсати хориҷии давлатҳои иштирокдор ба СҲШ ҳоло аз ҳарвақта дида талаб калон аст. Ин ба он вобаста аст, ки ҳоло тамоми давлатҳои аъзо мехоҳанд, ки платформаи дақиқи бисёрҷониба ба амалӣ гардондани ҳамкории кушод, прагматикӣ, васеъ ва мутақобилан судманд нигаронда шавад», – таъкид кард сафири Ўзбекистон.

Бино ба суханони ў соли равон СҲШ ба додани «андозагирии бештари стратегӣ» ба минтақаи Авруосиё, дар баробари муайян кардани тартиби нави бехатарӣ нигаронда шудааст.

«СҲШ дорои иқтидори бузурги нақлиётию транзитӣ мебошад, ки татбиқи амалии онро интизор аст. Дар заминаи диверсификатсияи занҷирҳои ҷаҳонии таъминот, бунёд намудани долонҳои нави байналмилалии роҳи оҳан ва автомобилгард дар Авруосиё бинобар самти Шарқ–Ғарб ва Шимол–Ҷануб ҷанбаи стратегӣ пайдо мекунад»,– гуфт ў.

Сафир илова намуд, ки: «Аҳамияти СҲШ махсусан дар пасманзари муташанниҷ шудани нобоварӣ ва рўҳияи антагонистӣ дар ҷаҳон афзоиш меёбад. Ҳоло дар Авруосиё ҳамдигарфаҳмӣ ва рўҳияи ҳамкорӣ ҳукмфармост».

Дар поёни ҳамоиши имсола дар Самарқанд Ҳиндустон раисиро ба СҲШ аз моҳи сентябри соли 2022 барои як сол то сентябри соли соли 2023 қабул мекунад. Дар соли 2023 Ҳиндустон мизбони ҳамоиши навбатии сарони СҲШ мегардад.

## Эрон узви нави СҲШ мегардад

Сафир Дилшод Аҳатов инчунин тасдиқ намуд, ки дар рафти ин ҳамоиш Эрон ба сифати узви нави доимии СҲШ муаррифӣ мешавад. Дар айни ҳол ба СҲШ 8 давлат – Чин, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон, Ўзбекистон, Ҳиндустон ва Покистон шомиланд.

«Яке аз масъалаҳои муҳими рўзномаи ҳамоиш тавсеаи минбаъдаи СҲШ мебошад. Меморандум дар бораи ўҳдадориҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба гирифтани мақоми давлати узви СҲШ аллакай барои имзо омода аст. Ин ҳуҷҷат ба узвияти комилҳуқуқӣ ба ин кишвари бузурги наздишарқӣ дар созмон роҳ мекушояд», – гуфт Дилшод Аҳатов ба хабарнигорон.

Вай илова намуд, ки ҳамчунин дархостҳои узвият дар ҳудуди даҳ кишвари дигар барои ширкат дар фаъолияти СҲШ ба сифати узви комилҳуқуқ, нозир ва шарикони муколама баррасӣ хоҳанд шуд.

Қаблан Эрон дар қатори Афғонистон, Белорус ва Муғулистон, инчунин шаш шарики муколама – Туркия, Шриланка, Непал, Комбоҷа, Озарбойҷон ва Арманистон бо қароргоҳашон дар Пекин яке аз нозирони СҲШ буд.

«Ҳамоиши дарпешистода, ки таҳти раёсати Ўзбекистон баргузор мегардад, аҳамияти хоса дорад, ки ба ҳамаи кишварҳо заминаи хеле саривақтӣ ва муассир барои баррасии як қатор масъалаҳои мубрами рўзномаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фароҳам оварда, дар рушди он марҳилаи нав мекушояд», – гуфт дипломат.

## «Афғонистон бояд ба фаъолияти минтақавӣ ҷалб карда шавад»

Моҳи июл Ўзбекистон ду мулоқоти муҳимро оид ба Афғонистон баргузор кард.

«Шубҳае нест, ки Афғонистон омили асосии таъмини амният ва суботи дарозмуҳлат дар минтақа мебошад», – гуфт сафири Ўзбекистон.

Вай қайд намуд, ки: «Бо дарназардошти фоҷиаи мардуми Афғонистон, агар давлат ба фалокати башардўстона рў ба рў шавад, ин метавонад ба ҷараёни нави гурезаҳо, афзоиши таҳдиди маводи мухаддир ва ҷунбиши терроризм оварад».

Ба ғайр аз ин, вай ҳамчунин ба ин нукта ишора кард, ки агар кишварҳо бо толибон ҳамкорӣ накунанд, Афғонистон метавонад ба «як макони бесуботӣ дар қалби Авруосиё» мубаддал шавад.

«Ҳеч як давлати СҲШ манфиатдор нест, ки макони бесуботӣ дар қалби Авруосиё ва таҳдидҳо ба амнияти кишварҳои ҳамсоя аз қаламрави Афғонистонро нодида гирад. Воқеиятҳои имрўза аз СҲШ тақозо мекунад, ки иқдомоти мушаххас андешида, Афғонистонро ба ташаббусҳои минтақавӣ, аз он ҷумла лоиҳаҳои инфрасохторӣ ҷалб намояд», – таъкид намуд ў.

Ҳамин тариқ ба гуфтаи ў мусоидат ба «таҳияи равишҳои муттаҳидшуда дар чаҳорчўби СҲШ» дар робита бо стратегияи рушди баъдиҷангии Афғонистон яке аз авлавиятҳои калидии раисии Ўзбекистон буд».

**АИ «Дунё»,**
*ДЕҲЛИ.*

# МАМЛАКАТИ ҶАВОНОН

***Дар оинаи ҳаёти имрӯзи ҷамъияти мо миёнсолон ва калонсолон рӯ намоянд, ҷавонон, айни замон, ояндаи ин диёри рӯ ба тараққӣ мебошанд. Рушду ривоҷи таърихии ҳар гуна мамлакат, ноил шудани он ба комёбиҳо, ба ҳаёти фаровон даст ёфтани халқ, қабл аз ҳама, ба муносибати давлат нисбати таълиму тарбия, ғамхории он ба ояндаи насли ҷавон вобастагии қавӣ дорад.***
***Аз ин маъно, масъалаи ҷавонон дар Ӯзбекистон яке аз самтҳои устувори сиёсати давлатӣ ҳисоб меёбад.***

14 сентябри соли 2016 қонун "Дар бораи сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон" қабул гашт. Он аввалин ҳуҷҷатест, ки муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба сифати роҳбари давлат имзо гузошта буд. Вай мазмуну моҳияти рамзии ин ҳуҷҷати муҳими қонуниро баъдан дар баромадҳои худ шарҳу эзоҳ дод ва таъкид кард дар мамлакате, ки бештари аҳолии онро ҷавонон ташкил менамоянд, муттасил ба амал баровардани сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон аҳамияти алоҳидаро молик аст. Президентамон гуфт тарбияи насли ҷавон дар рӯҳи садоқат ба Ватан ва арзишҳои миллию маънавӣ, дар ҷавонони ҳарҷониба рушдёфта парваридани ҳисси дахлдорӣ ба тақдири мулк ва мусаллаҳсозиашон ба асосҳои илму таълими замонавӣ яке аз омилҳои муҳими ноил шудан ба комёбиҳо дар риштаҳои гуногун мебошад.

Ҷиҳати муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон, фароҳамории шароит ва имкониятҳои нав барои дар ҳар ҷабҳа худро намоиш дода тавонистани онҳо дар мамлакатамон базаҳои мустаҳками ҳуқуқӣ офарида шудаанд. Ин сохтор дар вазъи ҳамоҳангӣ ба вазъи замон торафт такмил дода мешавад. Даҳҳо ҳуҷҷати қонуние, ки аз ҷониби парлумон оид ба ҷавонон қабул карда шудаанд, татбиқи амалии худ меёбанд. Баробари ҳамин ҳуҷҷатҳои зиёди ҳуқуқии байналхалқӣ саривақт ратификатсия карда мешаванд.

Президентамон Ш.Мирзиёев бо назардошти он ки қишри ҷавонон дар ҳамҷамъияти ҷаҳон қисмати муайяни аҳолиро ташкил менамояд, дар минбари Созмони Милали Муттаҳид қабул карда шудани Конвенсияи СММ дар хусуси ҳуқуқи ҷавононро таклиф намуд, ки ин аз ҷониби ҳамҷамъияти байналхалқӣ мамнунона истиқбол гардид. Роҳбари давлати мо ҳаминро чун асос нишон дод, ки имрӯз дар миқёси дунё ҷавонон бештар аз ду миллиард нафар мебошанд. Дар шароите,ки терроризм ва экстремизм барин иллатҳо шиддат ёфта, тамоми оламро нороҳат месозад, ҳимоя намудани насли ҷавон аз таъсири қувваҳои махуф аҳамияти аз ҳарвақта зиёд касб менамояд.

Ба тарбия фаро гирифта шудани ҷавононе, ки рӯҳан, ақлан ва ҷисмонан солиманд ва фикри мустақилона, нуқтаи назари қатъии ҳаётӣ доранд, аз муҳимтарин вазифаҳо буда, дар ҷараёни амиқгардонии ислоҳоти демократӣ ва рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ фаъолнокии иҷтимоии онҳо бояд баланд бардошта шавад. Ҷавоне ки муассисаи таълимӣ ё касбу ҳунарро хатм намуд, дар ҷустуҷӯйи кор набояд сарсон шавад. Лозим аст иқтидори зеҳнӣ ва эҷодии ҳар як истеъдоди ҷавон дастгирӣ ёфта ва ниятҳои ӯ ба амал баровардa шавад.

27 июни соли 2018 Президент ба Барномаи давлатии «Ҷавонон – ояндаи мо» имзо гузошт ва он бобати ба амал баровардани самаранокии ин гуна корҳо ҳуҷҷати муҳим қарор гирифт. Дар асоси нишондодҳои ин фармон бунёди "Ҷавонон – оянда мо" ташкил карда шуд ва он дар дастгирии ташаббусҳои тиҷоратии ҷавонон, татбиқи ғояҳо ва лоиҳаҳои муҳим, аз бонкҳо гирифтани вомҳои имтиёзноки ҳафтфоиза, гирифтани молу мулк бо лизинг нақши босазо бозид. Дар ҳуҷҷате, ки зикр гардид, вазифаҳои сохтории рушди соҳибкории ҷавонон ва маҷмӯи ташаббуснокии онҳо аниқ муайян карда шудаанд.

Дар навбати худ ба таълиму тарбияи ҷавонон, ки яке аз шартҳои муҳими дигаргуниҳои кулл дар Ӯзбекистон ҳисобида мешаванд, эътибор пурзӯр гашт ва ислоҳот дар сохтори таълим мазмуну моҳияти тоза касб намуд. Нисф бештари харҷҳои умумии буҷаи ҷумҳурӣ дар соҳаи иҷтимоӣ имрӯзҳо ба таълими халқ нигаронида шудааст. Табиист, ки ҳар гуна давлат ба бардоштани ин гуна бори харҷ қодир нест, вале бо вуҷуди душворӣ дар диёри мо барои ин маблағ ва захираҳо ҷустуҷӯ ва дарёб карда мешавад.

Ҳамаамон дарк кардаем, тақдир ва натиҷаҳои ислоҳоти кулл ва ояндаи мамлакат, дар навбати аввал, ба савияи кадрҳо, хусусан, кадрҳои ҷавон, ба талаботи давр ва стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавоб додани корбарии онҳо вобаста мебошад.

Бо ташаббуси Президент Вазорати таълими томактабӣ ташкил гашт, таълими умумии ёздаҳсола аз нав ҷорӣ гардид. Квотаҳои қабул ба мактабҳои олӣ ва дараҷаи ҳисшаванда зиёд гашт, шаклҳои шуъбаҳои ғоибона ва шабона аз нав барқарор карда шуд. Дар чаҳор-панҷ соли охир филиалҳои чандин дорулфунуни кишварҳои рушдёфта кушода шуданд.

Ҳамин тавр, дар давраи нави тараққиёти кишвар сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон бо гузошта шудани мақсадҳои аниқ давра ба давра, бо амалисозии чораҳои маҷмуӣ ба амал баровардa мешавад.

Панҷ ташаббуси муҳими аз ҷониби роҳбари давлат пешгузоштaшуда (зиёд кардани шавқи ҷавонон ба мусиқӣ, адабиёт, навъҳои гуногуни санъат, ба амал баровардани ғояҳои ҷавонони ташаббуснок, ривоҷ додани обутоби ҷисмонии насли ҷавон, барои нишон додани қобилияти варзишии ҷавонон офаридани шароитҳои мусоид, ташкил кардани истифодаи самараноки насли ҷавон аз компутер ва интернет, баланд бардоштани маънавияти ҷавонон, тарғиби китобхонӣ байни онҳо, ҳалли масъалаҳо вобаста ба таъмини заноңу духтарон бо шуғл) ба ҳаёти воқеӣ ҷорӣ карда шуд.

Дар мамлакат зиёда аз 12 ҳазор иншооти варзишӣ мавҷуд буда, чораҳое, ки барои ба дараҷаи максималӣ фарогирии ҷавонон, таъмини мактабҳои варзишӣ бо анҷомҳои лозимӣ андешида мешаванд, самараи дилхоҳ мебахшанд. Дар ҳудудҳои дурдаст бо баҳисобгирии шароити маҳал аз панелҳои сабуки конструксионӣ толорҳои хурди спорт, майдонҳо бо рӯйпӯшҳои сунъӣ сохта мешаванд. Адади мактабҳои варзишии бачаҳо ва наврасон торафт меафзояд.

Барои нигоҳ доштани ҷавонон аз хурӯҷи зарарноки интернет, омӯзондани онҳо ба истифодаи самараноки технологияи иттилоотӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами байналхалқӣ марказҳои таълимии технологияи рақамнок ташкил карда мешаванд.

То соли 2021 дар ҳамаи мактабҳои таълими умумӣ синфҳои компутерӣ ба нуқтаҳои интернетии баландсуръат васл гардонида ва дар марказҳои бозиҳои компутерӣ барномарезӣ ҷиҳати ташкили викторина ва стратегияи рушд ба амал баровардa шуд, ки ин гуна сайъҳо ба васеъ гардондани дониш ва ҷаҳонбинии насли ҷавон нигаронида шудаанд.

Бо мақсади мустаҳкамсозии малакаҳои китобхонии ҷавонон ба ҷойҳо китобҳо фиристода мешаванд. Дар маркази ҳар шаҳру ноҳия дукони китоби намунавӣ дари худ боз кардааст. Растаҳои сайёри китоб низ бо адабиётҳои лозимӣ таъминанд. Тавассути "Библиобус" ба аҳолии деҳот ва авулҳои дурдаст хидматҳои китобхонавӣ расонда мешавад.

Навъе дар Консепсияи рушди сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон то соли 2025 қайд ёфтааст, сиёсати давлатии ба истиқболи наздик ва дури ҷавонони Ӯзбекистон нигарондашуда дар татбиқи вазифаҳои стратегӣ, таъмини барқарорӣ, сулҳ ва фаровонӣ дар кишвар низ нақши равшан дорад.

Соли равон қарори Президент дар бораи чораҳои куллан такмил додани сохтори кор бо ҷавонон дар маҳаллаҳо ба имзо расид, ки дар навбати аввал ба шаклдиҳии "Баланси ҷавонон" ва ташкили воридсозии маълумотҳои зарурӣ ба порталҳои электронии "Дафтари ҷавонон" ва "Портали ҷавонон", мазмуннок ташкил кардани вақти холии фарзандонамон дар маҳаллаҳо, боз ҳам бештар оммависозии бозиҳои миллии варзишӣ, дастгирӣ ва рағбатноксозии ташаббусҳои ҷавонон, баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоии онҳо нигаронида шудаанд. Дар ҳуҷҷатҳои муҳим беҳуда зикр наёфта, ки "Ӯзбекистон – мамлакати ҷавонон".

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**



*Дар клиникаи солимгардонӣ ва хусусигардонии корхонаҳои шаҳри Қаршӣ бахшида ба дастгирии лоиҳаҳои навоварӣ намоишгоҳи «Innowek - 2022» ташкил карда шуд. Чунин намоишгоҳҳо барои намоён сохтани иқтидор, салоҳият ва корҳои илмии олимон ва ихтироъкорони ҷавон хидмат хоҳад кард. Гуфтан ҷоиз аст, ки намоишгоҳи ғояҳои навоварии «Innowek - 2022» бо ташаббуси Вазорати рушди инноватсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз соли 2018 инҷониб дар мамлакатамон баргузор мегардад.*
***Дар акс:** дар намоишгоҳ.*

***Аксбардор: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).***

# ДАР САМАРҚАНДИ БОСТОНӢ МУШКИЛОТИ МУҲИМИ ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРРАСӢ МЕГАРДАНД

⇦ **(Аввалаш дар саҳ.1).**

Махсусан қайд кардан мехоҳам, ки СҲШ блоки ҳарбӣ ба ҳисоб намеравад, аз ин рӯ фаъолияти Созмон чунон, ки иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон В.Норов қайд намуд, ба ҳалли мушкилоти байналмилалӣ равишҳои блокҳо ва конфронтатсиониро истисно мекунад. Инчунин мехостам қайд намоям, ки фаъолияти СҲШ бояд ба идомаи ҳамкорӣ байни кишварҳо, ки бархурд бо ягон гурӯҳи давлатҳо ва созмонҳоро истисно мекунад, нигаронда шавад.

Имрӯз мо шоҳиди равандҳои таҷдиди глобалии муносибатҳои байналмилалӣ, пурзӯр шудани омилҳои ноустуворӣ ва номуайянии иқтисодӣ ҳастем, ки онҳо муттаҳидсозии саъю кӯшиши тамоми кишварҳои узви СҲШ-ро барои муқобилият бо ин даъватҳо тақозо мекунанд.

Аз ин рӯ, СҲШ муколама, мубодила ва ҳамкориро фаъолона ва пайваста инкишоф дода, ҷонибдори риояи қатъии ҳадафҳо ва тамоюлҳои Оинномаи СММ мебошад.

**– Мушкилоти Афғонистон чун пештара актуалӣ боқӣ мемонад. Ба фикри шумо, оё дар ин ҳамоиш ба масъалаи Афғонистон дахл карда хоҳад шуд?**

Ҳалқаи калидии таъмини бехатарӣ дар фазои СҲШ таъмини субот ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки онро Президенти кишварамон Шавкат Миромонович Мирзиёев борҳо таъкид карда буд. Дар ин бобат танҳо ҳамкорӣ метавонад роҳи дуруст барои ба минтақаи субот ва пешрафт табдил додани фазои умумии мо гардад.

Аммо ноил шудан ба ин мақсадҳо бидуни кумак ба барқарорсозии иқтисодии Афғонистон, ки дар он ҷо беш аз 40 сол боз ҷанги хунин идома дорад ва ба сари мардуми афғон азобу уқубатҳои бешумор овардааст, имконнопазир аст.

Эҳтимол, ин мушкилот дар маркази таваҷҷуҳи роҳбари Ӯзбекистон қарор дошта бошад, ки тайи чанд соли охир дар Тошканд бо ташаббуси ӯ се ҳамоиши бузурги байналмилалӣ ҷиҳати дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти Афғонистон, барқарорсозии кишвар ва расондани кумакҳои башардӯстона ба мардуми Афғонистон баргузор шуд.

Шавкат Мирзиёев дар суханронии худ дар сессияи 76-уми Ассамблеяи генералии СММ изҳор дошт, ки «Афғонстонро дар давраи душвори феълӣ, бо мушкилоти бузурги мавҷуда танҳо гузоштан мумкин нест». Ӯзбекистон ба халқи афғон, ки марҳилаи душвори таърихи худро аз сар мегузаронад, ҳамеша ёрии ҳаматарафа расонд ва хоҳад мерасонад.

Айни замон Тошканд дар баробари кумаки башардӯстона ба татбиқи лоиҳаи роҳи оҳани трансафғонӣ Мазори Шариф – Кобул – Пешовар, хатҳои интиқоли барқи Сурхон – Пули Хумрӣ, ки бешубҳа ба барқарорсозии иқтисодии ин кишвар мусоидат мекунад, ташаббус нишон медиҳад. Татбиқи ин лоиҳаҳо барои роҳандозии лоиҳаҳои дигар такони пуркувате хоҳад буд, ки бидуни онҳо барқарорсозии кишвар ғайриимкон аст.

Аз ин рӯ, СҲШ дорои иқтидор ва захираҳои истифоданашуда мебошад. Тамоми асосҳоро дорем бигуем, ки гурӯҳи тамоси «СҲШ – Афғонистон» масъалаҳои расонидани кумакҳои башардӯстона ва барқарорсозии иқтисодии ин давлатро дар мадди аввал мегузорад.

**– Ба назари шумо, СҲШ то чӣ андоза омода аст, ки ба чолишҳо ва даъватҳои имрӯза дар вазъияти мураккаби байналмилалӣ посух диҳад?**

– Ҳеч як кишвар ба танҳоӣ қодир нест, ки ба чолишҳо ва таҳдидҳои замонавӣ ба амният ва рушди устувори иқтисодӣ муқобилат нишон диҳад. Худи Созмон низ бояд фаъолияти бисёрҷонибаи худро дар партали воқеияти замонавӣ такмил диҳад. Аз ин рӯ, безарар гардондани даъватҳои имрӯза талошҳои муштарак ва ҳамоҳангшудаи ҳамаи кишварҳои узви Созмонро тақозо мекунад.

Ҳамаи ин нақш ва масъулияти афзояндаи Шӯрои сарони кишварҳои узви Созмонро муайян мекунад, ки дар кори ҷамъомади он бинобар маълумоти ВКХ Ӯзбекистон ҳамаи роҳбарони давлатҳои аъзои СҲШ ширкат доштани худро тасдиқ карданд. Инчунин дар назар аст, ки сарони давлатҳои нозири назди СҲШ – Белорус, Эрон ва Муғулистон иштирок намоянд. Ба сифати меҳмони Ӯзбекистон иштироки президентҳои Туркия ва Туркманистон дар назар аст.

Дар баробари ин дар ҳамоиш инчунин роҳбарони чунин созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз қабили СММ, ЭСКАТО, ЮНЕСКО, ИДМ, СШАД, ИИАО, МҲТБО, СҲИ ва лигаи Араб ширкат хоҳанд кард. Чунин иштироки намояндагӣ аз миқёси ҳамоиши дарпешистода ва нуфузи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун мезбони ин форуми байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Умедворам, ки ҳамоише, ки дар сарзамини бостонии Самарқанд баргузор мегардад, на танҳо саҳми муҳим дар татбиқи мақсад ва вазифаҳои СҲШ, балки марҳилаи бузург дар таърихи муносибатҳои замонавии байналмилалӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ мегардад.

– Абдусамад Ахатович, барои суҳбати муфассалу пурмазмун ташаккур. Мехостам якҷоя бо шумо ба бомуваффақият баргузор намудани ҳамоиши Самарқандро орзу намоям.

Мусоҳиб

**Аброр ҒУЛОМОВ,**
**шореҳи сиёсии ЎзА.**

*Пахта – 2022*

# НАҚШАИ СОЛОНА ИҶРО ШУД

***Фасли тирамоҳ фаро расид. Дар ин вақт ғунчаҳои пахта мешукуфанд. Деҳқону фермерҳо тамоми чорабиниҳои агротехникиро сари вақт ба иҷро расонда, аз майдонҳо ҳосилро меғундоранд. Заршиносони хоҷагии фермерии «Расул Бозорович» на фақат дар ноҳияи Сайҳунобод, балки дар вилоят аввалин шуда нақшаи солонаи пахтасупориро бомуваффақият иҷро карданд. Ба ин муносибат аз тарафи ҳокими вилоят ба роҳбари хоҷагӣ Расул Деҳқонов туҳфаи гаронбаҳо супурда шуд.***



Мо аз роҳбари хоҷагӣ Р. Деҳқонов оиди давраи ниҳоии парвариши пахта пурсон шудем.

– Парвариши пахта аз ҳар як деҳқону фермер эътибору меҳнати зиёдро талаб мекунад. Аз ҷумла, ҳоло дар як ниҳол 15-20 дона ғӯза мавҷуд аст. Албатта, барои пурра расидану кушода шудани ғӯзаҳои пахта бояд ба пахтазор мунтазам об монд, вале заминро аз ҳад зиёд заҳ кардан даркор нест. Зеро намии бисёр ба ҳосили пахта зарар мерасонад. Дар ҳосилбандии пахта нақши чеканка мавқеи алоҳида дорад. Баъди он растанӣ аз сабзиш бозистода, бештар ҳосил мебандад. Бобати эҳтиёт кардани ғӯза аз зараркунандаҳо аз обу ҳавои мусоид, воситаҳои гуногуни биологӣ бояд сари вақт истифода бурд, дар натиҷа пеши роҳи паҳн шудани кирми ғӯза гирифта мешавад. Мо 2 сол боз фермер ҳастем, бо ҳамин усул пахтаро парвариш мекунем,– мегӯяд Расул Деҳқонов.

Гуфтан ҷоиз аст, ки деҳқонони асил аввали фасли баҳор дар 10 гектар майдон пахта корида ӯҳдадор шуда буданд, ки ба давлат 30 тонна ашёи хоми гаронбаҳо месупоранд. Бо ин мақсад онҳо ба парвариши ниҳолҳо эътибори алоҳида дода, ҳосили фаровон рӯёнданд. Ниҳоят мавсими пахтачинӣ оғоз ёфту 220 нафар чинакчиён, ки дар се отряд муттаҳид шуданд, дар давоми чор рӯз бо ғайрат меҳнат карда, 32 тонна ҳосилро ҷамъ оварданд. Ҳамин тариқ, пахтакорони ҳимматбаланд 5 сентябр ба аҳди худ вафо карданд. Дар пахтазори хоҷагӣ ҳосил бисёр аст ва ҷараёни ғунучин давом дорад.

Дарвоқеъ, дар ноҳияи Сайҳунобод солҳост, ки асосан навъи пахтаи «Султон» кишт карда мешавад, ки ҳосили дилхоҳ медиҳад. Соли ҷорӣ низ дар зиёда аз 8 ҳазор гектар замини пахтазори хоҷагиҳои фермерӣ навъи мазкур кишт карда шудааст. Дар заминҳои боқимонда навъҳои «Андиҷон-36», «Боёвут» ва «Наврӯз» кишт карда шудаанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*
***Суратгир:** муаллиф.*

## ХАБАРҲО

### НИШОНИ САРИСИНАГӢ БА СОБИҚАДОРОНИ МЕҲНАТ

**Мувофиқи қарори роҳбари давлат мо аз 14 июни соли 2017 онҳое, ки дар иқтисодиёт, истеҳсолот, илму фан, тандурустӣ ва соҳаҳои дигар солҳои тӯлонӣ аз таҳти дил меҳнат карда, ҳоло даври пирӣ меронанд, бо нишони сарисинагии "Меҳнат фахрийси" ("Собиқадори меҳнат") мукофотонида мешаванд.**

Дар пойтахт маросими супурдани ин мукофот ба як гурӯҳ собиқадорон аз шаҳри Тошканд баргузор шуд. Дар чорабинӣ вакилони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, олимону профессорон, собиқадорону солхӯрдагон иштирок карданд. Қайд карда шуд, ки намояндагони насли калонсол дар мо ҳамеша гулҳои сари сабаданд ва онҳо баробари ба ҳифзи иҷтимоӣ фаро гирифта шудан аз нигоҳи моддию маънавӣ рағбатонида мешаванд. Дар вазъи тантанавӣ ба 65 нафар солхӯрдагон, ки дар ҷабҳаҳои меҳнат худро нишон додаанд, нишони сарисинагии дараҷаҳои 1, 2 ва 3-юми «Меҳнат фахрийси» супурда шуд.

### ВОХӮРИИ ҲОКИМ БО ҶАВОНОН

**Дар яке аз боғҳои истироҳатии ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт мулоқоти кушоди ҳоким ва ҷавонон баргузор гардид. Ба чорабинӣ асосан ҷавононе ҷалб карда шуданд, ки соли равон ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шуда натавонистанд ва ҳанӯз ҷои доимии кор наёфтаанд.**

Дар фарогирии наздик 300 нафар насли ҷавон ба тадбир директорони дабистонҳои таълими умумӣ аз наздик кӯмак карданд. Мақсади асосӣ – ёрӣ расондану тавсияҳо додан ба ҷавонон дар интихоби касб ва омӯзиши ҳунар.

Аз оғози соли равон ин гуна мулоқот бо ташаббуси роҳбарони секторҳо дар ноҳия 82 маротиба сурат гирифт. Ҷамъ 447 муроҷиат афтода бошад, 163 ариза дар ҷои худ қонеъ гардонида шуд. Маълум гашт рағбати ҷавонон ба омӯзиши ҳунар ва соҳибкорӣ торафт боло меравад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

*Бонги изтироб*

# ВАҚТИ ҲАЛЛУ ФАСЛИ МУШКИЛОТ ОЁ МЕРАСИДА БОШАД?

***Ислоҳоти ҳамаҷониба, ки дар Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол ба амал татбиқ мегарданд, асосан, волоияти қадри инсонро таҳти назар гирифтааст. Баланд бардоштани фаровонҳолии мардум мазмуну моҳияти сиёсати дурандешонаи сарвари мамлакатамон мебошад.***

Аммо гуфта наметавонем, ки дар ҳамаи маҳалҳои кишварамон тарзи зиндагонии мардум ба дараҷаи кофист. Мардуми ҷамоати шаҳрвандии маҳаллаи ба номи М. Боймирзоеви ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд чандин даҳсолаҳост, ки барои оби ошомиданӣ азият мекашанд. Ваъдаҳои хушку холии ҳокимияти ноҳия ва муроҷиати онҳо ба телефони боварии Президент ҳанӯз натиҷае надод.

Аз кӯчаҳои маҳалла дидан карда, дар дил ба ронандаҳои он «офарин» гуфтам, чуқуриҳои онро бо партови кадом ташкилоти сохтмон пурра кардаанд, ки чангаш касро гулӯгир мекард.

–19 сол боз дар ҳамин маҳалла зиндагӣ мекунам, – гуфт дар суҳбат бо мо бошандаи хонаводаи рақами 63-юми маҳалла Гулпаршин Алимбоева. – Аз оби ҷӯй ҳам дар ҷомашӯӣ, ҳам дар обёрии замин ва ҳам дар истеъмол истифода мебарем. Ба набераҳои 3 ва 6-солаи ман ташхиси бемории камхунӣ, кирми меъдаро гузоштаанд, ки табобати такрорӣ низ фоида намебахшад.

Аксарияти ҳамдеҳагони моро бемориҳои санги заҳрадон ва гурда азият медиҳад. Гоҳ дар ҷӯй об тамоман нест мешавад, ки ин низ мушкилоти зиёд эҷод мекунад.

– 29 майи соли ҷорӣ аз телеканал мухбирҳо омада, оиди муаммоҳои маҳалла барнома омода намудаанд. Аз байн се моҳ гузашт. Аз иҷрои ваъдаҳое, ки он рӯз ҳокими ноҳия Ҷӯрабек Аҳмедов дар бораи таъмин намудан бо оби ошомиданӣ ва мумфарш гардондани кӯчаҳо дода буд, ҳанӯз дарак нест, – гуфт сокини маҳалла Салимбой Эргашев. –Бештар аҳолии маҳалла дар шаҳри Ғазалкент кор мекунанд, аммо азбаски ҳаракати автобус ба роҳ монда нашудааст, мошин киро карда, ба манзили корӣ рафта меоянд. Агар одам ҷамъ карда натавонанд, кирокашҳо ҳақи роҳро мебардоранд.

– Зимистон барои занони кӯдакдор боз вазнинтар мегузарад, – гуфт бошандаи хонадони рақами 193-юми маҳалла, модари 3 нафар кӯдак Наргиза Қурбонбоева. – Гоҳ-гоҳ нашудани газ аҳволамонро боз вазнинтар мекунад.

Ғайр аз ин, мо бо ширкати «Тоза ҳудуд» шартнома дорем. Аммо партовро дар як моҳ як маротиба гирифта мераванд.

Барои ҳаллу фасли мушкилоти бошандагон худи ҷамоати маҳалла низ шароити кофӣ надорад. Аз ҷумла, ба гуфти раиси маҳалла Фарҳод Охунҷонов маҳалла соли 2018 ташкил шуда бошад ҳам, ҳанӯз идора надорад, як бинои ҶММ «Меҳнат текстил»-ро ба иҷора гирифтааст. Бо сабаби қарздор будан аз энергияи электрӣ бинои маҳалла аз хати электрӣ ҷудо карда шудааст.

Албатта, ҳолати мазкур хеле таассуфовар аст, чунки бе энергияи электр ва ё интернет кадом корро анҷом додан мумкин аст?

Ҳолати муассисаи таълими томактабии рақами 24-уми ноҳия, ки «Бахтли Имонахон» ном дорад, ғайриқаноатбахш аст. Мудири боғча ҳуҷҷатҳои моро санҷиду аммо нахост худашро шиносонад. Муассиса ба 180 ҷой пешбинӣ шудааст, ки ҳоло 105 нафар бачаҳоро ба оғӯш гирифтааст. Аммо он чизе, ки моро ба ҳайрат гузошт, ҳолати он буд. Зарфҳои рангдори боқимонда аз таъмир паҳну парешон буданд, майдончаҳои бачагонаро чангу хок зер карда буд. Аз набудани об дарахтон хушк шуда буданд...

Ҷиҳати омӯхтани ҳифзи саломатии аҳолӣ роҳи поликлиникаи деҳаи маҳалларо пеш гирифтем. Ҳамшираи калони поликлиникаи 12-уми оилавӣ Гулойим Ирманова низ мушкилоти соҳаро бо мо «боҳам» дид: мо як нафар шифокор ва 29 нафар ҳамшираи тиббӣ ба 6-то ҶШМ ва 3-то мавзеъҳои дурдаст, ҷамъ ба 15 ҳазору 775 кас хидмат мерасонем. Аз рӯйи меъёр 7 нафар духтури амалиёти умумӣ бояд бошанд. Барои баланд бардоштани самаранокии сифати хидмати тиббӣ бояд ба 2 ҳазор нафар аҳолӣ як духтур ва чаҳор нафар ҳамшира хидмати тиббӣ расонанд... Ба бештари бачаҳои маҳалла ташхиси кирми меъда гузошта шудааст, аммо доруи «албендазол», ки бар зидди ин касалӣ истифода мешавад, аз ташкилотҳои болоӣ дода намешавад...

Тафсилоти чунин мушкилотро шунида, ба андешае рафтем, ки агар дар Соли гиромидошти қадри инсон ба аҳолӣ чунин эътибор дода шавад, пас солҳои дигар ба мардуми ин мавзеъ эътибор то чӣ андоза мешуда бошад?

**Даврон АҲМАД,**
**журналист.**

*Вилояти ТОШКАНД.*



Маданияти мутолиа

# “БА АМОНАТ ХИЁНАТ НАБОЯД КАРД...”

**_Дар давраи ташаккули ахбори глобалӣ маданияти мутолиа ва китобхонӣ аз пештара ҳам муҳимтар ба шумор меравад. Солҳои охир дар қатори дигар давлатҳо ба ҳаёти ҷомеаи мо низ дохил шудани технологияи ахбор, интернет ва гаджетҳои гуногун ба паст шудани маданияти мутолиа ва китобхонӣ оварда расонд._**

То худро мешинохтем, то солҳои 1970-80-уми асри гузашта ба нашрҳои чопӣ, ки воситаи асосии паҳнкунии ахбор ба шумор мерафт, талаб ниҳоят баланд буд. Бахусус, инсонҳои илмдӯст, олимон, ходимони илмӣ мунтазам китоб мутолиа мекарданд. Имрӯз коҳиш ёфтани ин самт ба ҳама аён.

Мутолиа инсонро бо меъёрҳои ҳаёт, қадрият ва арзишҳои миллӣ, ки барои ҷамъият зарур аст, ошно месозад. Ба ташаккули дониш ва фазилати инсон, саводхонӣ, маданият ва дар ҷамъият ёфтани мавқеи худ кумак мерасонад. Гуфтан ба маврид аст, ки дар шароите, ки барои сарф кардани вақти холии одамон роҳҳои муқобили мухталиф пайдо шудаанд, бояд фаъолият ва формати корбарии ин сохторро дигаргун кард. Дониш, муносибат ва маданияти роҳбар, китобдор ва китобхонро ташаккул дод.

Ба ҳамин муносибат дар Китобхонаи миллии ба номи Алишери Навоии Ӯзбекистон бо иштироки омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишкадаи шарқшиносии Тошканд, Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияи оммавӣ, журналистони фахрӣ ва ходимони ВАО чорабинии маънавию маърифатӣ баргузор шуд.

Директори китобхона Умеда Тешабоева ҳозиронро хайрамақдам гуфта, таъкид намуд, ки баланд бардоштани маданияти мутолиа ва китобхонӣ, ҳифз ва қадр намудани китоб ба ҳар яки мо вобаста аст.

Назар ба гуфтаи ӯ, Китобхонаи миллии Ӯзбекистон моҳи майи соли 1870 ба сифати китобхонаи оммавии Тошканд ба фаъолият оғоз намудааст. Пойгоҳи аввалини он аз 1200 номгӯй 2200 нусха китоб иборат будааст. Соли 1920 ба мақоми Китобхонаи давлатӣ соҳиб гашта, аз оғози ҳамон сол дар он нусхаҳои нашрияҳое, ки дар сарзамини Туркистон чоп шудаанд, нигоҳ дошта мешуданд. Соли 1948 китобхона ба номи Алишер Навоӣ гузошта шуда, ба бинои сеқабатаи дорои толори 350 нафара кӯчонда шудааст. Соли 2002 китобхона ба номи Навоӣ гузошта шуд ва соли 2012 бо ташаббуси Президент дар маркази пойтахт – маҷмӯи Маркази маърифат ҷой гирифт. Имрӯз пойгоҳи умумии китобхона аз 7 миллиону 579 ҳазору 233 иборат буда, аз он 6 миллиону 877 ҳазору 484 нашрҳои чопӣ, 701 ҳазору 749-торо захираҳои электронӣ ташкил медиҳад.

Бино ба қарори Президент “Дар бораи боз ҳам ташаккул додани хидмати ахбору китобхона ба аҳолии Ҷумҳурии Ӯзбекистон”, аз 7 июни соли 2019, дар 14 вилоят ва 186 ноҳияву шаҳр – ҷамъ 200 маркази ахбору китобхона ташкил карда шуд.

– Дар бахши “Нашрияҳо ва дастхатҳои ноёб” дастхат, нашрия, китобҳои ноёб на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба эътибори алоҳида сазовор ҳастанд. Дар фонди китобхона зиёда аз 28 ҳазор китобҳои ноёб нигоҳ дошта шудаанд. Аз ҷумла, дастхат ва навиштаҷоти чописангии асрҳои XIII-XIX сарзамини Мовароуннаҳр, Хуросон ва Туркистон, китобҳои ноёби асрҳои XVII-XVIII Аврупои Ғарбӣ чун манбаи маълумоти бетакрор аҳамияти муҳим доранд,– гуфт У. Тешабоева.

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки имрӯз аз ҷониби баъзе китобхонони кутоҳандеш ба чунин маскани маърифат, ба манбаи маънавияти инсонӣ – китоб хунукназарона муносибат менамоянд.

– Ба қарибӣ дар рӯзномае (номаш пинҳон дошта шуд) мақолае бо номи “Китобхонами ё қамоқхонами?” чоп шудааст ва он дар саҳифаҳои иҷтимоӣ низ боиси баҳсу мунозира гаштааст. Дар мақола муаллиф менависад: “Вақте барои мутолиа ва ё шиносоӣ ба китобу дигар мавод вориди китобхона мешавем, посбонҳо аз сар то пойи корафтодаро месанҷанд. Дар дарун низ тамоми ҳаракати китобхонро назорат мекунанд, баъзан ходимони он ба мавод “даст нарасон” гуфта муомилаи дурушт ҳам мекунанд. Озодона, бо хоҳиши худ дар он ҷо нишаста мутолиа карда наметавонем”.

– Дар ҳама ҷо камера ва назорат қатъӣ бошад ҳам, ба ҳолатҳои дилхиракунанда дучор мешавем, – гуфт роҳбари китобхона, – миҷоз саҳифаҳои ба худ даркориро канда мегирад, факту рақам ё ҷумлаҳои алоҳидаи онро бо лезва бурида мегирад. Боре ҷавоне китоби даркориро аз муқовааш канда гирифтааст ва дар рафи китоб танҳо муқоваашро гузоштааст. Вақте дар баромадгоҳ ӯро санҷиданд, китоб азони худам гуфта зиддият нишон додааст. Ҳол он ки дар варақаҳои китоб номер ва чипҳо гузошта шудаанд. Ба ҳар як хонанда мефаҳмонем, ки ба чунин корҳои ғайриқонунӣ даст назананд. Ҳоло китобхона пурра бо технологияи замонавӣ: сканер, аудио ва дигар воситаҳо ҷиҳозонида шудааст, ба китобхон иҷозат дода мешавад, ки бепул аз онҳо истифода барад.

– Китобхона маскани маънавияту маърифат, маскани зиё, илму дониш мебошад. Дар он ҷо бо маълумоти ноёб, дастхатҳои бетакрори асрина ошно мегардем. Ба ҷавононе, ки ба чунин корҳои зишт даст мезананд, гуфтаниам, ки “ба амонат хиёнат” накунед. Чунки ин китобҳои ноёбро аҷдодонамон ба мо амонат гузоштаанд. Мо – насли куҳансол замоне шумо барин ҷавон будем, ташнаи илм будем. Як китобро аз даст ба даст гирифта, дар хонаҳои торик мехондем, кори илмӣ, мақолаву рисолаҳо менавиштем. Чунин шароитро орзу мекардему халос. Дирӯз дар саҳифаҳои иҷтимоӣ чашмам ба ҳодисаи дилхиракунанда афтид. Муаллимаи мактаби рақами 1-уми ноҳияи Нурободи вилояти Самарқанд аз қабати дуюми бино ба мактаббачагони хурдсол китобҳоро мисле, ки ба чуҷаи мурғ дон мепошанд, пош дода истодааст ва хурдтаракон бо талош китобҳоро чида истодаанд. Худ қазоват намоед, оё чунин ҳаракат аз инсони зиёӣ бетартибию муносибати дурушт ба китоб нест? Албатта, ба чунин шахсон ҷазо муқаррар, – ба ҷавонон рӯ оварда гуфт журналисти фахрӣ Шароф Убайдуллоев.

Журналисти собиқадор Солеҳ Ёқубов таъкид намуд, ки чунин давраҳои ибратбахш, гирдиҳамоиҳои маънавию маърифатиро зуд-зуд бояд ташкил намуд, доир ба китоб, ҳифз ва қадр намудани он теленамоишу лавҳаҳо бояд офарид. Китобхона даргоҳи муқаддас, ба остонаи он бо нияти пок, бо дилу дидаи тоза бояд қадам гузошт. Бе адабиёт ояндаи миллатро тасаввур кардан душвор, дар китобхонаҳо аз маълумотҳое, ки доир ба таҷрибаи асринаи ҳаёти аҷдодамон ҳикоя мекунанд, баҳраманд шудан мумкин аст.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**
**Суратгир: Р.ГАЛЕЕВ.**

**_Дар Маркази матбуоти миллӣ бахшида ба ҷашни 31-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти унвони «Дар Ӯзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз» ба муносибати супоридани мукофот ба ғолибон ва ҷоизадорони марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни анъанавии «Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз» чорабинӣ баргузор гардид._**

# ЖУРНАЛИСТОНИ БОИСТЕЪДОД МУАЙЯН ГАРДИДАНД

Озмун бо ҳамкории Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон, Агентии иттилоот ва коммуникатсияи назди Дастгоҳи Президент, Агентии кинематография, Иттиҳоди нависандагон, Ширкати миллии радиову телевизиони Ӯзбекистон ва Иттиҳоди эҷодии «Тасвирий Ойина»-и ҷумҳурӣ ба амал омад.

Дар чорабинӣ фаъолони марказҳои фарҳангии миллии ҷумҳурӣ, роҳбарони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, намояндагони соҳаи таълими халқ, фаъолони Иттифоқи ҷавонон, донишҷӯёни Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияи оммавӣ, вакилони ҷамоат ва намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ ширкат варзиданд.

Раиси Иттиҳоди эҷодии журналистон Олимҷон Ӯсаров ҳусни ифтитоҳ бахшида, таъкид намуд, ки пас аз қабули қарору фармонҳои Президент бинобар рушди журналистикаи кишвар ва беҳтар намудани фаъолияти Иттиҳоди эҷодии журналистон дар соҳа корҳои зиёд амалӣ мешаванд. Асри XXI-ро асри илму техника меноманд. Аз ин рӯ, ҳоло дар дунёи муташанниҷ, аз ҷумла дар мамлакати мо низ бояд нақши журналист, матбуот, радиову телевизион ва интернет боз ҳам баландтар гардад ва журналистон бояд ҳамқадами замон бошанд. Албатта, журналистони собиқадор таърихи зиндае мебошанд, ки рӯзноманигорони ҷавон бояд аз онҳо бисёр чизро омӯзанд ва дар фаъолияти худ истифода баранд.

Дар ҷамъомад раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Сироҷиддин Саййид оид ба мавзӯи мавриди назар ва таҷрибаи ғании худ сухан кард. Вақтҳои охир теъдоди рӯзномаҳо хеле коҳиш ёфт, ки нигаронкунанда аст. Ин масъаларо чӣ хел бояд ҳаллу фасл кард? Ҳалли масъала дар дасти рӯзноманигорон аст! Журналисти имрӯз бояд се чиз – маҳорат, ҷасорат ва башорат дошта бошад.

Дар марҳилаи ҷумҳуриявии озмун 491 нафар иштирокчиён қариб бо ду ҳазор кори эҷодии худ иштирок намуданд. Шумораи зиёди асарҳои эҷодии иштироккунандагон ба зиммаи ҳакамон масъулияти калон гузошт.

Дар поёни чорабинӣ ба ғолибону ҷоизадорони озмун дипломҳои махсус ва тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# ҶАШНВОРАИ КИНО ДАР САТҲИ БАЛАНД БАРГУЗОР ХОҲАД ШУД

**_Шаҳри Тошканд дар рӯёрӯи Ҷашнвораи XIV байналмилалии синамои «Гавҳари Роҳи абрешим» қарор дорад. Ба ин муносибат Агентии кинематография қабл аз оғози ҷашнвораи мазкур, ки 13-18 сентябр сурат хоҳад гирифт, нишасти матбуотӣ баргузор намуд. Гуфта шуд, ки ин ҷашнвора барои қабули 500 нафар ходимони синамо, ҳунармандону коргардонҳо ва наворбардорон, продюсерҳо ва мунаққидон, олимон, намояндагони расонаҳои 40 мамлакати дунё тайёрӣ мебинад._**

– Дар доираи ин чорабинӣ 150 филми ҳунарӣ, ҳуҷҷатӣ ва кӯтоҳметражи синамогарони ҷаҳон намоиш дода мешавад, ки аксари онҳо ғолиби ҷашнвора ва озмунҳои байналмилалии синамои гуногун мебошанд. Дар рӯзҳои ҷашнвора беш аз 20 чорабинии васеъмиқёс низ баргузор мегардад, ки ба истеҳсоли филм, таълим, намоиши филмҳо ва раванди филмсозӣ марбут дониста мешаванд, – гуфт раиси умумии Ҷашнвораи XIV байналмилалии синамои Тошканд Фирдавс Абдухолиқов.



Вай афзуд, ки ҳар як ҷашнвораи синамо ба майдони кашфи объектҳои нав, ҷои филмбардорӣ ва дастовардҳои нав низ табдил меёбад.

Гуфта мешавад, ки барои дар сатҳи баланд баргузор намудани ин чорабинии бонуфуз тамоми шароит фароҳам оварда шудааст, ки бешубҳа ба рушди минбаъдаи соҳаи синамо на танҳо дар қаламрави Ӯзбекистон, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳад кард.

– Хонаи кинематографистон ва Осорхонаи маҳсулоти кинематография ифтихори моро меафзояд. Имсол ба меҳмонон аввалин бор дар Осиёи Миёна кинокластер пешкаш мешавад, ки дар заминаи Хонаи кинематографистон ташкил карда шудааст. Бузургтарин экрани прокат дар кишварҳои ИДМ дар толори асосӣ ҷойгир аст, ки тасвирро дар шакли DCP нишон медиҳад. Дар ин ҷо боз се толор кушода шуд, ки дар экранҳои он филмҳо дар ҳамин шакл намоиш дода мешаванд,– изҳор намуд Ф. Абдухолиқов.

Дар ин муддат аз Аврупо аввалин силсилаи таҷҳизоти фотоархив ва таҷҳизоти мултимедиявӣ, овоздиҳӣ, коркарди рақамӣ, наворбардорӣ дар формати 3D дастрас карда шуд.

Тавре ки дар барномаи ин ҷашнвора зикр ёфтааст, дар доираи он баргузории «Рӯзҳои синамои кишварҳои Созмони ҳамкории Шанхай», «Рӯзҳои синамои ҷаҳон», «Рӯзҳои филмҳои ҳуҷҷатӣ», «Рӯзҳои синамои ретро», «Рӯзи синамои Ӯзбекистон», Анҷумани Созмони байналмилалии фарҳанги туркӣ, «Вохӯрии роҳбарони киностудияҳои миллии мамлакатҳои ИДМ», дарсҳои маҳорат аз тарафи ситораҳои синамои ҷаҳон мадди назар мебошанд. Инчунин имзои бештар аз 20 меморандуми ҳамкорӣ низ дар ин росто барномарезӣ шудааст.

Ногуфта намонад, ки яке аз самтҳои калидӣ дар ин ҷашнвора баргузории Рӯзҳои синамои кишварҳои узви СҲШ мебошад. Ин нишасти расмӣ 15-16 сентябри соли ҷорӣ дар Самарқанд ба вуқӯъ хоҳад пайваст. Мувофиқи барномаи ҷашнвора ҳайатҳои вакилони кишварҳо Рӯзҳои синамои СҲШ-ро дар Тошканд ва дар минтақаҳои мухталифи Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон баргузор мекунанд.

Интизор меравад, ки дар чаҳорчӯби ин ҷашнвора лоиҳаҳои муштараки синамои Ӯзбекистон ва кишварҳои хориҷӣ ба намоиш гузошта мешаванд. Инҳо филмҳои «Казбек» (Белорус), «Ҷомӣ ва Навоӣ», «Ситораи ноаён» (Тоҷикистон), «Гладиатор» (Русия), «Эшелонҳо ба Шарқ мешитобанд», «Коркит-ота» (Қазоқистон) мебошанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**

# ХИДМАТҲОИ ШОЁНАШ ҚАДР КАРДА ШУД

Камтар аз чиҳил сол аст, ки қалам бар даст асту аз минбарҳои гуногун бобати нишебу фарози ҷомеа, худогоҳӣ ва таърихи миллат, соҳаи илму ирфон, фарҳанги волои он мегӯяду менависад. Собиқаи кории пурарзишеро бар дӯш дорад. Садҳо омӯзгорон ва бештар аз он донишомӯзонро дарси ҳикмату маҳорат гуфтааст. Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон ва солҳои дароз узви Шӯрои илмию услубии Маркази таълими ҷумҳурӣ, собиқ аъзои раёсати Маркази миллии мадании тоҷикони ҷумҳурист. Иштирокдори дукаратаи Анҷумани тоҷикони ҷаҳон ва 1400-солагии Борбади Марвазӣ дар Душанбешаҳр, конфронсҳои байналмилалии гуногунмавзӯъ дар Ӯзбекистону Тоҷикистон, муаллифи беш аз 100 мақолаи илмӣ, услубӣ ва оммавӣ, ки дар матбуоти кишвар ва берун аз он рӯи чопро дидаанд, муҳарриру муқарризи даҳҳо китобҳои дарсӣ, муаллифи нахустин барномаҳои забони тоҷикӣ-форсӣ пас аз ба истиқлол расидани Ӯзбекистон ва китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 7-и макотиби ҷумҳурӣ, чанд монография ва китобҳои дигар аст.



Фарзанди арзандаи волидайн, модари меҳрубону бибии ҷонфизост.

Ин инсони некӯхислат Амина Шарофиддинова аст, ки хизматҳояш аз чашми дӯстону масъулини некназар ва хайрандеш дур намонд.

Дар Рӯзи ҷаҳонии китоб ба узвияти Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон пазируфта шудани ӯ фолест нек ва рамзӣ, ки маҳз вай аз тараннумгару тарғибгари ашаддии мӯъҷизаест бо номи Китоб, ба хусус, китобҳои тоҷикӣ дар Ӯзбекистон. Ҷоиз ба таъкид аст, ки соли 2016 дар чаҳор шумораи рӯзномаи «Овози Самарқанд» мақолаи пурмӯҳтавояш бо номи «Ҳақиқате чанд оиди китоб» чоп шуда буд.

Ин ҷо муште аз хизматҳои бузурги ӯро, ки дар очерки «Сано бодо ба занҳое, ки марданд!», омадааст, ном бурдем.

Ба муаллимаи азиз ин қадршиносии баландро муборак мегӯем ва сиҳатмандӣ, пешрафти фаъолияти илмию фарҳангӣ ва саодати зиндагиро таманно дорем.

Воқеан, Амина Шарофиддинова муаллифи фаъоли рӯзномаи «Овози тоҷик» аст. То имрӯз бисёр мақолаву рисолаҳои илмӣ-амалии ӯ рӯи чопро дидаанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

ТУҲФАИ ИДОНА

# ТАБОБАТГОҲЕ ДАР ДИЛИ ДАШТ

Тавассути роҳи мошингарди Фориш – Нурато ҳамин ки ба деҳаи Ӯхм расидед, чашматон ба лавҳае бармехурад, ки дар овезаи оҳанин навишта насб кардаанд. Аз он лавҳа дар поёнтари деҳа, дар соҳили кӯли Айдар истироҳатгоҳҳо, меҳмонхонаҳо барои сайёҳон арзи вуҷуд доштанашро донистан мумкин аст. Ин роҳи рост тақрибан баъди 25 километр ба маскани табобативу истироҳатии соҳибкор Даврон Норбоев мебарад. Ин ҷо соҳибкор манзили зист, бошишгоҳ дорад. Чӯпонҳояш садҳо сар гӯсфанд мечаронанд. 200 сар шутур низ дорад, ки ҳар рӯз аз он 150 литр шир медӯшанд. Аз ин якчанд сол муқаддам Д. Норбоев корхонаи хусусии «Элназар-Нуралӣ»-ро таъсис додааст. Як сехи коркарди (қадоқкунӣ) шир ҳам дорад.

– Аз манбаъҳо хонда будам, ки шири шутур ба рафъи бисёр маризиҳо, аз ҷумла, барои узвҳои дарунӣ фоидаи калон дорад, – мегӯяд соҳибкор. – Аз ин рӯ, дар бадали ин солҳо парвариши шутурро ба роҳ монда, барои таъсис додани табобатгоҳ қарор додем.

Дар арафаи Иди истиқлол табобатгоҳ ба истифода супурда шуд. Дар ин маскани шифо бо шири шутур табобат мекунанд. Ин ҷо одамон ҳам табобат мегиранд ва ҳам истироҳат мекунанд. Лоиҳа 5 миллиард сӯм қимат дошта, дар сурати пурра ба кор даромадани он қариб 30 нафар соҳиби кори доимӣ мегарданд.

Ба муносибати ба истифода супурдани ин табобатгоҳу маскани истироҳатӣ фаъолони маҳаллаи «Ӯхм» ва меҳмонон аз дуру наздик иштирок намуданд. Ҳокими ноҳия Икром Матиев ҳозиринро бо Иди истиқлол табрик гуфт. Ифтитоҳ ёфтани ин маскани табобатиро туҳфаи идона ҳисобиданд.

Айни замон аз Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон меҳмонон омада, ин ҷо табобат мегиранд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
_Вилояти ҶИЗЗАХ._

(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).

_Шарифи ХАЛИЛ_

# ЭШОН

_(Ҳикоя)_

Баъд аз тахминан як соат ин ҷо пур аз одам хоҳад шуд, хоса мӯйсафедон ҷамъ омада, гуфтаву шунида ғубори дил мебароранд.

Ин ҷодаи серсоя шаҳраги Сафедорон аст ва ҷойе, ки ман дар сояи яклухти девор менишастам, мағзи деҳа ба ҳисоб мерафт: – он тарафтар имората дабистон ҷой дорад, идораи ҷамоат дар шафати рости он бунёд ёфта, аз ҷумла пойгоҳи тиббӣ, сартарошхона, дӯкони кӯҳнадӯзӣ ва як мағозаи пури анвои маҳсулоти ғизоӣ... мӯҳраҳои як занҷирро мемонданд, ки дӯш ба дӯш меистоданд. Аз самти муқобили кӯча нонвой, осиёи барқӣ, дӯкони оҳангарӣ мудом дар хидмати мардум буданд. Ин ҷода аз оғози сапедадам то торикии говгум ҳаргиз холӣ набуд. Ҳатман ояндаву равандае дошт — онҳо гоҳе пиёда мегузаштанд, гоҳе савора. Қурбонашон, маркабсавораш бисёр, мошинсавораш ангуштшумор... Аз ин рӯ, мисли ҷодаҳои шаҳр чандон тамиз набуд...

Нигоҳам ба рӯи ҷодаи сангфарши нотоза дуди сигорро ба шуш мекашам ва ногоҳ ба гӯшам овози дар ҳамин шабону рӯзон ба аҳли деҳа шиносе менишинад, ки дар кафи бодаки сабуксайр то ин ҷойҳо мерасид. Дуди сигорро берун оварда, ба дасти бод месупорам ва нағзтарак гӯш фаро медиҳам.

Аввал паст, баъд торафт баланд шуда, садои пат-пати трактире ҳавои деҳаро пур мекунад!

Дар такдашт авҷи гандумдарав, ҷавдарав... аст. Гаҳу ногаҳ трактиру мошинҳо барои чорвои мардуми деҳоти кӯҳистон коҳу беда мекашонданд. Ҷавонони ғайратманд поён фаромада, аз саҳро коҳ ҷамъ меоранд ва он доroии дар кӯҳистон ба зар баробарро бо ягон улави мақбул то деҳа мерасонданд. Аксар ҳару қанорҳоро ба кор баранд, аглаб азобро ба худ раво надида, ягон техникаеро киро мекунанд... “Аҷаб нест, ҳамин трактир ҳам ҳомили коҳ бошад”, – аз дил мегузаронам ман.

Аз куҷое пайдо шуда, Бобои Сафар низ ҳамфикри ман мегардад.

– Кадом шерамарде коҳ мекашонад, – гуфт мӯйсафед дар лаби бом чаҳорзону нишаста, ки то ин дам болои ду қабат пӯстак рӯяшро бо докае пӯшонда, то пашшаҳои шилқин ба роҳаташ халал нарасонанд, шояд гоҳ хоб буд, гоҳе бедор. – Ғами зимистонро дар тобистон хӯрдан нағз, муаллимҷон.

Ман ба тасдиқ сар ҷунбондам ва пас аз салому алейк хаёлам як лаҳза ба ташвиши чорводорон рафта, дар дил хурсанд гаштам, ки чунин сардардӣ надорам. Имсол аз баҳри гову бузу гӯсфанд гузашта, ҳоло худро озодтар ҳис мекардам. Як ҳангӣ монд, ки агар ду бӯшка об овардаанашро ба ҳисоб нагирем, рӯзаш бо бекорӣ мегузарад ва... ҳаволааш ба Худои карим, ризқаш аз пешу бар пайдо мегардад. Мӯйсафед дасташро ба пешонӣ гузошта, нигоҳи чашмони хираашро ба саргаҳи деҳа бурд, ки трактири шояд қафасаш пури коҳ наъразанон аз он ҷониб мерасид.

– Аниқ коҳ мекашонад, – гуфт ӯ ва аз фарози бом ба саломи писарак бо имои сар посух гуфта ва оҳиста сари зонувонашро молид.

– Мо на мол дорем, на коҳ лозим.

– Фурӯхтед?

– Бале! Як сар ҳам намонд.

– Ӯҳ-ӯҳ... Беҳуда кардед, муаллимҷон. Дар тангдастиҳо шояд мадор мегаштанд. Деҳаву чорво, гуфтаанд. Дар деҳа зиста, ақаллан як ҷуфт бузу гӯсфанд надошта бошӣ, айб аст, – дар таассуф лаб газида, калла ҷунбонд ӯ. – Ҳамин ҷонвараконанд зинати деҳ...

– Ташвишашро намегӯед, – хаёле даст афшондам ман. – Нуқл сарборӣ! Писарҳо калон шуда, аз барам қад боло кунанд, ана баъд бемалол... ҳар кор кунам, арзанда аст – хоҳ чорводорӣ, хоҳ ана, боғдорӣ... ҳоло дастланҳоям, амак.

– Ихтиёратон, додар.

Як лаҳза сукут варзид мӯйсафед, баъд даст монда ноаён паси гардан хорид. Каҳдони холиашро, ки ҳоло дар гӯшаи боми он худ чаҳорзону менишаст, ба ёд оварда:

– Аммо захираи мо кам, агар каҳдонро пур накунем, яқин имсол дарбадар мешавем. Намедонам, зимистонро чӣ тавр мебарорем, – гуфт андешаманд.

Ба рӯи серожанги ӯ сояи ҳузн фаромад. Риши худро ба панҷа гирифта, оҳиста раҳо кард.

(Давом дорад).




# АЛЛАИ МОМОИ ЗАМИРА

***Дар рафти кору рӯзгор баъзан воқеаҳое рух медиҳанд, ки дар хотираамон сахт нақш мебанданд. Чанд вақт инҷониб дар дил нияте доштам, ки дар ин бора чизе иншо намоям. Солҳои охири қарни гузашта раиси иттифоқи касабаи ноҳиявии муаллимони Шофиркон Ширин Олимов гуфт, ки кори маслиҳатие ҳаст ва барои ин кӯмаки амалии шумо лозим.***



Баъд аз сӯҳбат аён гардид, ки роҳбарони шуъбаи маорифи халқи ноҳия бахшида ба Иди Наврӯз байни муаллимон озмуне амалӣ намуданианд, ки бояд омӯзгорон дар он истеъдоди дигари хешро пешкаш гардонанд. Баҳри ин мақсад аз тарафи иттифоқи касаба маблағе ҷудо кардааст, бояд муаллимон мукофотонида шаванд.

Банда низ дар сафи ҳайати ҳакам будам, ба шарте ки аз тарафи радиои ноҳия бо рафти мусобиқа шунавандагонро шинос намоям.

Рӯзи сеюми озмун муаллимони мактаби рақами 15 ба саҳна баромада, мухаммасхониро ба забони модарӣ оғоз карданд. Баъд зани тахминан 35-40 сола бо гаҳвораву кӯдак ба саҳна баромад.

Болои гилеми навакак ба саҳна паҳнкардашуда кӯрпача густурд ва гаҳвораро болои он гузошта, кӯдаки 1,5-2 соларо дар он баст. Ҳазориспанд дуд кард. Сураеро аз Қуръони карим қироат карда, гуфт, ки модар бо як бозу гаҳвораро, бо дигараш зиндагиро таконда, бо меҳр аллагӯён оламро меҷунбонад, бо аллаи модар ба ҷисми кӯдак аввало ҳисси меҳрубонӣ, ватандӯстӣ ҷой мешавад. Бачае, ки дар кӯдакӣ аз модараш алла шунидааст, нисбати касе бадиро раво намебинад. Алла сурудест, ки ба ҷисми кӯдак ҷасоратро ҷо мекунад. Акнун барои шумоён аллаеро мехонам, ки бибиҷони меҳрубонам дар замонаш барои мо хонда будааанду имрӯзҳо барои наберaҳои ширину шаккари худ мехонанд:

*Алло мегӯм бароятон,*
*Дар гаҳвора сарҳоятон.*
*Алло, алло, гулам бошед,*
*Саҳархез булбулам бошед.*

*Алло, алло, дади бобош,*
*Қурбонат шавад бобош.*

*Алло, алло, гули бибеш,*
*Доим обод бошад хонеш.*

*Алло, алло, гули коко,*
*Ба хизматаш доим тоғош.*

Ва ниҳоят вақти ҷамъбасти озмун фаро расиду натиҷаҳо аз ғалбери ҳакамон гузашт. Аз рӯи натиҷа аллаи тоҷикӣ холи аз ҳама баландтаринро гирифт ва ба озмуни вилоятӣ тавсия карда шуд.

Моҳи апрели соли ҷорӣ барои телевизиони вилоятӣ бо ҳамроҳии масъули барномаҳои тоҷикӣ Матлуба Одинаева аз хонаи Замира Ҷумъаева намоише оиди маросимҳои мардумӣ ба навор гирифтем.

Ҷавоне давутоз дар хизмат буд.

– Ҳамон кӯдаке, ки дар озмун ба гаҳвора баста будам, ҳамин кас мебошанд, – гуфт Замираапа табассумкунон.

Дар озмун аллаҳо ба чор забон садо дода бошанд ҳам, аллаи тоҷикӣ чун «Ушшоқи Самарқанд»-и Берта Давидова ба дили ҳозирон ҳузур бахшида буд. Замира Ҷумъаева имрӯз гарчанд даврони пирӣ меронад, ҳамоно момои пурдида дар хизмати мардум дар саф аст.

**Алимурод ТЕМИРОВ,**
*вилояти БУХОРО.*
***Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.***

# КОНАН ДОЙЛ ВА КИРОКАШ

Овардаанд, ки нависандаи англис Артур Конан Дойл (1859-1930) боре ба Порис омад. Чун дар вокзал аз қатора поён шуд, яке аз ронандагони кирокаш бо қиёфаи ҷиддӣ ба ӯ наздик шуд ва хомӯшона ҷомадонашро аз дасти ӯ гирифту ба бағоҷи мошин гузошт. Танҳо баъди он ки ба паси ҷанбар нишаст, суҳбат оғоз намуд:

– Ҷаноби Конан Дойл, Шуморо то куҷо барам?

– Чӣ, магар маро медонед? – бо хушҳолӣ пурсид нависанда.

– Бори нахуст мебинам, – посух дод ронанда.

– Пас, чӣ гуна маро шинохтед?

– Бо корбурд аз усули дедективии таҳқиқ, ки шумо тасвир намудаед, – бо ифтихор гуфт ронанда. – Аз рӯзномаҳо маълумот гирифтам, ки Артур Конан Дойл ҳафтаи дуюм аст, ки ин ҷо, яъне дар Ривери Фаронса истироҳат дорад. Дуюм, дидам: қаторае, ки Шумо аз он берун омадед мансуб ба шаҳри Марсел аст.

Баъдан мушоҳида кардам, ки хеле офтобхӯрдаед ва ба худ андешидам, ки чунин ҳолат танҳо ба касе рух медиҳад, ки ҳадди кам даҳ рӯз дар соҳили баҳри Миёназамин истироҳат карда бошад. Вақте дар ангушти миёнаи дасти ростатон доғи боқимондаи ранги ношустаро дидам, натиҷа гирифтам, ки нависандаед. Зоҳири Шумо духтурро мемонад ва буриши куртаатон бошад, бо усули лондонӣ сурат гирифтааст!

Ҳамин тавр, ба хулосаи ниҳоӣ расидам, ки Артур Конан Дойл – ҳамон эҷодгари коргоҳи Шерлок Холмси номдор маҳз шумоед!

Бо шунидани тавзеҳоти ронанда нависандаро ҳаяҷон фаро гирифт.

– О, худи Шумо аз Шерлок Холмс ҳеҷ камӣ надоред! – бо шавқ нидо кард нависанда, – модоме ки бо ҷузъиёти кам ба чунин хулосаи ниҳоӣ ва дуруст расидаед!

– Чунин ҳам ҳаст, – ғайричашмдошт бо завқ хандид ронанда. – Аммо ман боз ба ҷузъиёти дигар эътибор додам.

– Чӣ ҷузъиёт буд он? – пурсид нависанда.

– Он маншур (тамғаи бор)-и ба ҷомадони Шумо насбшуда аст, ки ному насабатон навишта шудааст.

Таҳия ва тарҷумаи
**А.КОМРОН.**

## ЁДДОШТҲО

### «ЧАШМА БАРИН ҶӮШИДА МЕБАРОМАД»

Адиб ва рӯзноманигори шинохта Адаш Истад дар хусуси шеъргӯӣ андешаҳои ҷолиб ва бикр дорад.

Дар хусуси шоири зуллисонайн шодравон Ҷамол Сироҷиддин (Хумӣ) гуфта буд:

- Аксарияти шоирон шеърро аз фикр бофта мебароранд. Шеърҳои шоир Ҷамол Сироҷиддин чашма барин ҷӯшида мебаромад.

### ИСТЕЪДОД ХУДОДОД АСТ

Рӯзноманигори машҳури самарқандӣ Тошпӯлод Раҳматуллоев маротибае иқрор шуда буд:

– Ман грамматикаи забони ӯзбекиро намедонам, бо вуҷуди таҳсил дар мактаби тоҷикӣ, ба забони ӯзбекӣ менависам.

Ман гуфтам:

– Агар танҳо бо донистани сарфу наҳви ягон забон эҷод мекарданд, дунёро шоир, адиб, рӯзноманигор пахш мекард...

**Ӯктам ИБРОҲИМ.**
*САМАРҚАНД.*



*Шикофсанге дар Ургут.* *Сурати манзаравии* ***Р.ГАЛЕЕВ.***

# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*



Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Насими мӯйи ту» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

## НАСИМИ МӮЙИ ТУ

*Хаёли рӯйи ту дар ҳар тариқ ҳамраҳи мост,*
*Насими мӯйи ту пайванди ҷони огаҳи мост.*
*Бубин, ки себи занахдони ту чӣ мегӯяд:*
*«Ҳазор Юсуфи Мисрӣ фитода дар чаҳи мост».*
*Агар ба зулфи дарози ту дасти мо нарасад,*
*Гуноҳи бахти парешону дасти кутаҳи мост.*
*Ба ҳоҷиби дари хилватсарои хос бигӯ:*
*«Фалон зи гӯшанишинони хоки даргаҳи мост».*
*Ба сурат аз назари мо агарчи маҳҷуб аст,*
*Ҳамеша дар назари хотири мураффаҳи мост.*
*Агар ба соле Ҳофиз даре занад, бикушой,*
*Ки солҳост, ки муштоқи рӯйи чун маҳи мост.*

Вафодориву донистани қадри муҳаббати дигарон аз сифоти некӣ аст, ки дар ҳама кас ёфт намешавад. Ба орзуе, ки дорӣ ба ҳамин содагӣ намерасӣ, магар инки илова бар талошу кӯшиш, таваккалро низ пеша кунӣ ва умедвор бошӣ, ки лутфи худовандӣ шомили ҳолат шавад.

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

# ОХИРИН ВАСИЯТИ АМИР ОЛИМХОН

***Наберагони амир мехоҳанд, ки ҷасади бобояшонро аз нав дар сарзамини аҷдодӣ ба хок супоранд***

*Гадо гар дар Ватан мирад,*
*амир аст,*
*Амири беватан зору ҳақир аст.*

Ин байт дар сари марқади охирин подшоҳи аморати Бухоро Амир Олимхон дар мазори Шуҳадои Солеҳини шаҳри Кобул рӯи санги мармар ҳаккокӣ шудааст.

Наберагони амир Саидрасул, Ҳикматулло ва Саидаъзам баробари хондани ин байт кӯдаквор гиря карда, мегуфтанд, ки ҳарчанд дар Афғонистон чашм ба олами ҳастӣ кушудаанд, вале ин ҷоро барои худ Ватан намеҳисобанд. «Ватангумкарда ҳар ҷо, ки равад ёди Ватан дорад», гӯён ашки чашмонро поккунон орзуи бозгашт ба Ватани аҷдодиро доранд.

Саидаъзам Азизи Бухороӣ, набераи духтарии амир, фориғуттаҳсили факултаи рӯзноманигорӣ, ки 45 сол дораду аълон ба тиҷорат машғул аст, худро сухангӯи хонаводаи бобояш муаррифӣ карда гуфт:

– Дар Афғонистон наздик 50 оила хешовандони амир зиндагӣ мекунанд.

Пайвандону наздики амир ҳамчунин дар Амрико, Олмон, Туркия, Сурия, Покистон ҳаёт ба сар мебаранд, ки дар маҷмӯъ ба 300 оила мерасанд.

Ба гуфтаи Саидаъзам, вақте ки аморати Бухоро суқут кард, бобояш Амир Олимхон шаш моҳ дар Кӯлоби Тоҷикистон буд. Сипас 5 апрели соли 1921 ба Афғонистон омад. Ҳамин тавр, 23 соли умри боқимондаи амир дар Афғонистон гузашта, 9 апрели соли 1944 дар Кобул вафот кард. Хонаводаи амирро давоми ин солҳо дар қалъаи Фатур, воқеъ дар 17 километрии Кобул ба ҳайси маҳбуси сиёсӣ нигоҳ медоштанд. Намегузоштанд, ки аз қаламрави барояшон муайяншуда берун пой ниҳанд. Баъди даргузашти бобояш аҳли оилаи амирро давлати вақти Афғонистон аз Кобул ба Ҳилманд мекӯчонанд. Дар ин вилоят аз ҷои ноободи шӯразор барои онҳо замин ҷудо мекунанд. Дар ин ҷо 32 соли аввал эшонро ба ҳайси муҳоҷир ном мебурданд. Алҳол дар Кобул се духтари амир ва се писараш дар Покистон, Олмон ва Амрико зиндагӣ доранд. Саидаъзам афзуд, ки аз соли 1921 то соли 1974 ҳеҷ кадоме аз хешовандони амир шаҳодатномаи табаъаи Афғонистонро надоштаанд. Танҳо як коғази сапеди муҳрзада шахсияти кулли хонаводаашонро тасдиқ мекард.

Сипас наберагони амир охирин васияти бобояшонро, ки дар шаҳри Кобул иншо шудааст, қироат карданд:

*«Агар дар ҳар куҷо аз ин ҷаҳон вафот шавам, ворисонам маро ба таври амонат ба хок биспоранд. Вақте ки ватанам – Бухорои Шариф аз чанги русҳо, болшевикҳо озодӣ ва истиқлоли худро ҳосил намуд, ҷасадамро аз хок кашида, дубора ба ватанам интиқол диҳед ва дар он ҷо ба хок биспоред... Падари бузургворам ва худам дар вақти зимоми умури салтанати хеш як миқдор пул ва тиллоро ба таври амонат дар бонкҳои Фаронса, Ҳиндустон, Покистон гузоштем ва ҳам барои осоиши ҳамватанони хеш дар кишварҳои исломии ҷаҳон Арабистони Саъудӣ, аз ҷумла дар шаҳрҳои Маккаи мукаррамаю Мадинаи мунаввара, дар Шом, Сурия, Ироқ, Покистон як миқдор работҳоро аз пули байтулмол харидорӣ кардам. Баъдан аз пулҳои дар кишварҳои хориҷӣ ҷамъшуда дар ободии ватанам истифодаи дуруст сурат бигирад.*

*Амир Олимхон – амири Бухоро,*
*13 саратони соли 1302».*

Наберагони амир пас аз хондани васиятнома изҳор доштанд, ки «агар моро ба Тоҷикистон даъват кунанд, мо ба дӯши мардуму давлати Тоҷикистон бори зиёдатӣ нахоҳем шуд. Мо ин пулҳоро, ки бештар аз 90 сол дар бонкҳои ҷаҳон маҳфуз асту миқдораш ба миллиардҳо доллар мерасаду боқимонда аз тиллову бриллианту алмос иборат аст, гирифта ба ободии Ватани азизамон сарф хоҳем кард. Ин пули ҳам байтулмол ва ҳам пули амири Бухорост ва ин пул амонат аст».

*Мусофир ҳар куҷо бошад,*
*Ватанро дӯст медорад,*
*Чу булбул дар қафас бошад,*
*Чаманро дӯст медорад, –*

Саидрасул, набераи дигари амир дар ҳоле ин байтро қироат мекард, ки ашк аз рухсораш мешорид...

Сӯҳбати мо ба поён расид, аммо раҳорах суханони духтарону наберагони Амир Олимхон дар гӯшам садо медоданд.

«Мо агарчи дар Афғонистон ба олами ҳастӣ чашм кушодем, вале ин ҷоро барои худ Ватан намеҳисобем. Мо хизматгори мулки бегона ҳастем. Мо ният дорем, ки ба Ватан хизмат кунем...»

**Аз китоби «Камони қомат»-и (с.2006) Алӣ ҶӮРА.**

# Лавҳаҳои аҷиб доири собиқ президентҳои ИМА

Уеррен Ҳардинг аз хурдсолӣ ба бозии покер шавқи беандоза дошт. Баъди ба воя расидан шавқи қимор бештар ақлу хуши ӯро банд кард. Баъди нишастан ба курсии президентӣ низ номаълум қиморбозиро давом дод. Як дафъа вай сервизи чинии гаронбаҳоро, ки моли Қасри сафед буд, бой дод.

***

Уилям Тафт дар таърихи ИМА ба сифати гаронвазнтарин президент ба хотир оварда мешавад. Вазни ӯ 136 килограмм буд. Дар Қасри сафед мувофиқ ба ҷуссаи вай оинаҳои калону барқад устувор намуда буданд.

***

Дар шоҳигарию монархия тахту тоҷ мерос мемонд ва мемонад, ки ин ба мо маълум. Соҳибони тахт ба тоҷдорони аввала авлод ё хешу таборанд. Вале президентҳо интихоб мешаванд. Онҳо низ метавонанд бо президентҳои пештара ақрабоӣ дошта бошанд?

Аҷиб он ки президенти ИМА Франклин Рузвелт ба ёздаҳ нафар, ки пеш аз ӯ президентӣ кардаанд, муносибати хешӣ дошт.

***

Ҳарри Трумен ба ҷонварон меҳри ҷудогона дошт. Хусусан, бузғоларо хеле нағз медид. Дар кабудизорҳои назди Қасри сафед буз алаф мехӯрд ва Трумен аз фашарфишур алафхӯрии ҷонвар завқ мебурд.

**О. ҶАББОРОВ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

# ШОҲМОТ ДАР ШЕЪРИ АҶАМ

Асп ору камон ору каманд ору китоб ор,
Шеъру қаламу борбату шатранҷу маю нард.
**(Оғоҷӣ).**

Ахтарон бо бахти ӯ шатранҷи рафъат бохтанд,
Бахти ӯ ҳар ҳафтро асбу руху фарзин ниҳод!
**(Муиҷзӣ).**

Ало, шоҳе, ки фарзинаш рақиби каҷ ба ӯ ҳамдам,
Маро ӯ бугунаҳ аз ростӣ рухмот месозад.
**(Туғрал).**

Бозии худ кардӣ, эй шатранҷ, боз,
Бозии хасмат бубин паҳну дароз.

***

Гуфт «шаҳ! шаҳ» в-он шаҳи кибровараш,
Як-як он шатранҷ мезад бар сараш.

***

Шоҳро дар хонаи байдақ ниҳад,
Ин чунин бошад ато, к-аҳмақ диҳад.
*** **(Мавлавӣ).**

Ба майдони шоҳӣ фарас тохтанд,
Дар он арса нарди ҳавас бохтанд.
**(Ҷомӣ).**

Баски шаҳ рух намояд аз чапу рост,
Гар чу фарзин нишаста пеши шаҳед.
**(Камоли Хуҷандӣ).**

Ва барбат некӯ навохтӣ ва нарду шатранҷ, бохтӣ.
**Аз «Равзат-ус-сафо».**

Гадое, ки бар шери нар зин ниҳад,
Абӯзайдро аспу фарзин ниҳад.
**(Саъдӣ).**

Таҳияи **МЕҲРАНГЕЗ.**

*Олами садранг*

## Рамзи бозиҳои олимпӣ чӣ маъно дорад?

Нишони бозиҳои олимпӣ соли 1913 аз тарафи Пер де Кубертен пешниҳод гардида буд. Мақоми расмии тасдиқи ин нишон дар бозиҳои соли 1914 (дар Белгия) сурат гирифт. Ҳангоми муаррифии рамз худи Пер де Кубертен қайд намуд, ки панҷ ҳалқаи олимпӣ, ки дар рамз тасвир ёфтааст, панҷ қисми рангҳоро ташкил медиҳад, ки рӯҳи олимпиадаро ифода мекунанд. Якчанд навъи маънидодкунии ин рамз мавҷуд аст, ки дақиқтаринашон инҳоянд: навъи якум чунин аст: Ҳар як ҳалқаи ранг ба қитъаи мухталиф тааллуқ дорад. Масалан, Аврупо – кабуд, Африқо – сиёҳ, Амрико – сурх, Осиё – зард, Австралия – сабз. Баъдан ба хулосае омаданд, ки ин рангҳо аз он сабаб дарҷ гардидаанд, ки парчами ҳар давлат ҳадди ақал як ранги ин рамзро дорад.

Таҳияи
**Далер АЗИЗОВ.**

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925. Адади нашр 4710 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.